


# Садои мардум

№7 (4903)

ҶУМЪА, 10 ЯНВАРИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

www.sadoimardum.tj

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон




## ТАЪИНОТИ КАДРӢ

**9-уми январи соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кадрҳоеро, ки дар ҳайати роҳбарикунандаи Прокуратураи генералӣ, Вазорати мудофиа, Гвардияи миллӣ ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании таъин гардиданд, барои суҳбат ба ҳузур пазируфтанд.**

Сардорони як қатор раёсатҳои Прокуратураи генералӣ, прокуророни шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Конибодом, Турсунзода, Рашт, Фархор, Носири Хусрав, Балҷувон, прокуророни ҳарбии гарнизонҳои Бохтару Суғд аз ҳисоби кадрҳои ҷавону кордон ва соҳиби таҷрибаву собиқаи корӣ дар мақомот таъин гардиданд.

Дар ҳайати фармондеҳии Вазорати мудофиа низ тағйироти кадрӣ сурат гирифта, командирони баъзе воҳидҳои низомӣ ва комиссарони ҳарбии як қатор шаҳру ноҳияҳо аз ҳисоби афсарони соҳибтаҷрибаву хатмкардагони ду муассисаи олии низомӣ ба вазифаҳои масъулу роҳбарикунанда таъин гардиданд.

Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сардорони баъзе раёсатҳо ва шуъбаву марказҳои таълимии Гвардияи миллӣ низ аз ҳисоби афсарони касбӣ ва мутахассисони соҳа таъин шуданд.

Зимни суҳбат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба вазъи мураккабу пешгӯинашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ таъкид намуданд, ки дар чунин шароити ҳассосу хатарзо вазифаи ҳар як роҳбару фармондеҳ ва хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот аз таъмини амнияту суботи давлат, ҳимояи марзу буми кишвар ва дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ иборат буда, дар ин самт бояд ҳушёру зирак бошанд ва вазифаҳои хизматии худро дар асоси оинномаҳо ва дастурамалҳои низомӣ ба роҳ монанд.

Мубориза бар зидди ҳама гуна қонунвайронкуниҳо, аз ҷумла коррупсия, муносибатҳои ғайриоинномавӣ, таъмини фазои солими хизмати ҳарбӣ, инчунин, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, техникаву таҷҳизоти муосири ҳарбӣ, омодагии ҷисмонӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати тарбияи ватандӯстии ҳайати шахсии ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ аз мавзуъҳои асосии суҳбат буд.

**www.prezident.tj**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон намудани солҳои 2025 - 2030**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шавад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои фармони мазкур дар муҳлати як моҳ нақшаи чорабиниҳоро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намояд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 8 январи соли 2025, №911**

## ТАВЗЕҲОТ
### БА ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ «СОЛҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА ИННОВАТСИЯ» ЭЪЛОН НАМУДАНИ СОЛҲОИ 2025-2030

**Таъмини рушди бонизоми зеҳни сунъӣ, рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ва технологияҳои инноватсионӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати пешгирифтаи давлат буда, дар як муддати кӯтоҳ бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаҳои инфрасохтори иқтисоди рақамӣ ва асосҳои ҳуқуқии соҳа ташкилу тақвият ёфтанд.**

Бо дарки муҳимияти мавзуъ дар шароити муосири рушду таҳкими тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва дар ин ҷода вусъат бахшидан ба раванди рақамикунонии иқтисоди миллӣ ва рушди равандҳои инноватсионии кишвар, бо ибтикори навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ироаи Паёмашон солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардид.

Имрӯз Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст ва татбиқи саривақтии ташаббуси мазкур имкон медиҳад, ки дар панҷсолаи минбаъда ба раванди мазкур вусъат бахшида шуда, заминаҳои ҳуқуқӣ такмил ёбад ва санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ қабулу амалӣ карда шаванд.

Инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот ва таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот инкишоф ёфта, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

Сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар рушд ёфта, маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ баланд бардошта мешавад.

Истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ ҷорӣ гардида, амнияти киберии махзанҳои маълумот таъмин мешавад. Дар баробари ин соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ ташаккул меёбад.

Дар ин раванд омода кардани барномасозон ва дигар мутахассисони зарурӣ барои рушди иқтисоди рақамӣ дар низоми таълимии муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ амалӣ шуда, тавассути ҳавасмандгардонӣ дар самти технологияҳои иттилоотӣ ва бозомӯзӣ дар муассисаҳои пешқадами хориҷӣ кадрҳои баландихтисоси миллӣ рӯйи кор меоянд.

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи озод намудани хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Полковники гвардия Шарипов Шавкат Сафарович бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори раёсати корҳои фармондеҳии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

2. Полковники гвардия Замонов Абдувоҳид Давлатович бинобар вафоташ аз вазифаи сардори раёсат оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 9 январи соли 2025, №913**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи таъин намудани хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Полковники гвардия Раҷабзода Холмуҳаммад Саид сардори раёсати корҳои фармондеҳии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники гвардия Шерализода Сафаралӣ Шералӣ сардори раёсат оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шаванд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 9 январи соли 2025, №914**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 9 январи соли 2025, №29, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми директори генералии Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» озод намудани Абдуллоев А.Қ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Абдуллоев Абдулло Қобилбекович бинобар вафоташ аз вазифаи муовини якуми директори генералии Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

# ТАСДИҚИ СОЗИШНОМАҲО БАРОИ ТАҚВИЯТИ САРМОЯГУЗОРИИ НБО «РОҒУН»



**Ҳаштуми январи соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 47 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа 12 масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст?

Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Оид ба Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди кувайтии рушди иқтисоди араб вобаста ба лоиҳаи НБО «Роғун»**

**2. Оид ба Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии сармоягузорӣ ва инфрасохторӣ вобаста ба татбиқи лоиҳаи «Барномаи рушди НБО «Роғун» – марҳилаи 1»**

**3. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ»**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ»**

**5. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ»**

**6. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ»**

**7. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ»**

**8. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ»**

**9. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона»**

**10. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қосимӣ Ф.»**

**11. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин баровардани Қосимӣ Ф.»**

**12. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба одоби вакилон баровардани Қосимӣ Ф.».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъала «Оид ба Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди кувайтии рушди иқтисоди араб вобаста ба лоиҳаи НБО «Роғун» сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди кувайтии рушди иқтисоди араб оид ба маблағгузории лоиҳаи НБО «Роғун», ки 18 декабри соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст, пешниҳод мегардад.

Бо қарори дахлдори Шурои директорони Фонди кувайтии рушди иқтисоди араб барои маблағгузории иншооти НБО «Роғун» ҷудо намудани 100,0 млн. доллари амрикоӣ қабул гардидааст, ки татбиқи он дар 6 марҳила, яъне дар доираи созишномаҳои алоҳида дар ҳаҷми баробар ба 16,6 млн. доллари амрикоӣ ҷудо карда мешавад.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# ТАСДИҚИ СОЗИШНОМАҲО БАРОИ ТАҚВИЯТИ САРМОЯГУЗОРИИ НБО «РОҒУН»



**(Идома аз саҳ. 1)**

Маблағи мазкур барои маблағгузории Лоти 4 иншооти НБО «Роғун», ки арзиши умумии он аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ 550,0 млн. доллари амрикоӣ баҳодиҳӣ шудааст, равона мегардад. Дар ин раванд, бояд қайд намуд, ки татбиқи Лоти 4 иншооти НБО «Роғун» бо ҳаммаблағгузории Гурӯҳи ҳамоҳангсози рушди иқтисодиёти араб, аз ҷумла Бонки исломии рушд, Фонди саудии рушд, Фонди ОПЕК, Фонди кувайтии рушди иқтисоди араб ва Фонди рушди Абу Дабӣ ба анҷом расонида мешавад.

Лоти 4 иншоот аз корҳои сохтмонӣ дар иншооти обқабулкунаки доимӣ, шахтаҳои обрасон, корҳои мустаҳкамкунӣ ва сохтмонӣ дар шаш нақби обрасони уфуқӣ, қисмати болоӣ ва поёнӣ бо дарозии 356 метр ва баландии 212 метр насби таҷҳизоти гидромеханикӣ барои таъмин ва коркарди об дар гидроагрегатҳо, дастгоҳ ва таҷҳизоти ёриирасони толори мошинҳо ва бинои трансформаторҳо ва ғайра иборат мебошад.

Маблағҳои қарзии Фонди кувайтии рушди иқтисоди араб ба муҳлати 30 сол, бо 8 соли давраи имтиёзӣ ва бо меъёри 1,5 фоизи хизматрасонии солона ҷалб карда мешавад. Татбиқи лоиҳаи созишномаи мазкур соли 2025 оғоз гардида, анҷоми маҷмуии он дар соли 2032 ба нақша гирифта шудааст. Бинобар ин, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи қарзии пешниҳодшударо дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Комрон Исмоилиён дода мешавад. Марҳамат.

**Комрон ИСМОИЛИЁН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**



Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди кувайтии рушди иқтисоди араб вобаста ба лоиҳаи НБО «Роғун» 18 декабри соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Вобаста ба мазмун ва муҳтавои созишнома вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода муфассал маълумот доданд.

Татбиқи созишнома ба амалишавии ҳадафи миллии эълоннамудаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ мувофиқ мебошад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳояшон тасдиқ намудани созишномаи қарзиро ҷонибдорӣ намуданд. Созишномаи мазкур ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо – вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқ намудани созишномаи қарзии мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди кувайтии рушди иқтисоди араб вобаста ба лоиҳаи НБО* **«***Роғун***»** *ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии сармоягузорӣ ва инфрасохторӣ вобаста ба татбиқи лоиҳаи «Барномаи рушди НБО **«**Роғун**»** – марҳилаи 1» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии сармоягузории инфрасохторӣ вобаста ба татбиқи лоиҳаи «Барномаи рушди НБО «Роғун» - марҳилаи 1» пешниҳод шудааст.

Созишномаи қарзии мазкур 21 декабри соли 2024 дар шаҳри Пекин байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии сармоягузорӣ ва инфрасохторӣ ба имзо расонида шудааст.

Аз ҷониби Бонки осиёии сармоягузорӣ ва инфрасохторӣ барои маблағгузории иншооти НБО «Роғун» дар ҳаҷми 500,0 млн. доллари амрикоӣ қарори дахлдор қабул гардида, татбиқи он марҳила ба марҳила амалӣ карда мешаванд. Дар доираи созишномаи пешниҳодшуда, ки марҳилаи аввали маблағгузорӣ ба ҳисоб меравад, барои маблағгузории иншооти НБО «Роғун» 270,0 млн. доллари амрикоӣ аз Бонки осиёии сармоягузорӣ ва инфрасохторӣ ҷалб карда мешавад, ки он барои ҳаммаблағгузории Лоти 1 ва Лоти 3 А-и иншооти НБО «Роғун» бо Бонки умумиҷаҳонӣ, инчунин, сохтмон ва таъмири 55 км роҳ, аз ҷумла пулҳои байни деҳаҳо, барои таъмини пайвастшавии нақлиётӣ равона мегардад.

Маблағи қарзии Бонки осиёии сармоягузорӣ ва инфрасохторӣ ба муҳлати 30 сол, аз ҷумла 10 соли давраи имтиёзӣ, ҷалб карда шуда, хизматрасонии он бо меъёри SHIBOR + 0.93% (2-2,5 фоиз вобаста ба меъёри SHIBOR), яъне меъёри тағйирёбанда, анҷом дода мешавад.

Татбиқи лоиҳаи мазкур соли 2025 оғоз гардида, анҷоми маҷмуии он дар соли 2032 ба нақша гирифта шудааст.

Ҷалби маблағҳои қарзӣ ва шарту талаботи он ба меъёрҳои «Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024 -2026» ва тавсияҳои шарикони рушд, бахусус Бонки умумиҷаҳонӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор, мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи қарзии пешниҳодгардидаро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Музаффарҷон Маҳмудзода дода мешавад. Марҳамат.

**Музаффарҷон МАҲМУДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии сармоягузорӣ ва инфрасохторӣ вобаста ба татбиқи лоиҳаи «Барномаи рушди НБО «Роғун» - марҳилаи 1» 21 декабри соли 2024 дар шаҳри Пекини Ҷумҳурии Мардумии Чин ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ супорида шуд.

Дар хусуси мазмуну муҳтаво, ҳаҷми маблағ, муҳлати бозпардохти қарз ва давраи имтиёзнокии созишномаи мазкур вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода муфассал маълумот доданд.

Амалишавии созишномаи мазкур ба таҳкими истиқлолияти энергетикӣ ва рушди устувори иқтисодии мамлакатамон мусоидат намуда, барои ҳаммаблағгузории Лоти 1 ва Лоти 3 А-и НБО «Роғун», инчунин, сохтмон ва таъмири 55 км роҳ, аз ҷумла пулҳои байни деҳаҳо, ҷиҳати таъмини пайвастшавии нақлиётӣ равона гардидааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳояшон тасдиқ намудани созишномаро ҷонибдорӣ намуданд. Созишномаи мазкур расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқ намудани созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии сармоягузорӣ ва инфрасохторӣ вобаста ба татбиқи лоиҳаи «Барномаи рушди НБО* **«***Роғун***»** *– марҳилаи 1» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» таҳия гардидааст. Мутобиқи лоиҳаи қонуни мазкур ба қисмҳои 6, 7 ва 10 моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» тағйиру иловаҳо ворид гардида, минбаъд пардохти ҳаққи хизмати адвокат тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ғиёсиддин Ашурзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин АШУРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» таҳия гардидааст.

Бояд қайд кард, ки ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар суръатбахшии ҷараёни гардиши воситаҳои пулӣ, шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, кам намудани ҳаҷми пули нақд дар муомилот ва хароҷот вобаста ба эмиссияи он, инчунин, содагардонии раванди пардохтҳо аҳамияти муҳими молиявӣ-иқтисодӣ дорад. Бинобар ин, тибқи талаботи фармони мазкур дар лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда масъалаҳои механизми ба таври нақдӣ пардохт намудани ҳаққи хизматрасониҳо тағйир дода шуда, минбаъд пардохти ҳаққи хизматрасониҳо ба таври ғайринақдӣ амалӣ карда мешаванд.

Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Он ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» таҳия гардидааст. Мутобиқи лоиҳаи қонуни мазкур ба қисми 1 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» илова ворид гардида, минбаъд аз буҷети давлатӣ маблағгузории расонидани ёрии ҳуқуқӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Мунаввар Абдусаломзода дода мешавад. Марҳамат.

**Мунаввар АБДУСАЛОМЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуда, он ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгар ва фаъолияти роҳдорӣ» пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгар ва фаъолияти роҳдорӣ» бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» таҳия гардидааст.

Мутобиқи лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 36 (иловаи 1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» илова ворид гардида, минбаъд пардохти ҳама гуна хизматрасониҳои марбут ба роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ғиёсиддин Ашурзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин АШУРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни зикргардида бо мақсади таъмини иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» таҳия гардидааст. Мусаллам аст, ки ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар суръатбахшии ҷараёни гардиши воситаҳои пулӣ, шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, кам намудани ҳаҷми пули нақд дар муомилот ва хароҷотҳо вобаста ба эмиссияи он, инчунин, содагардонии раванди пардохтҳо аҳамияти муҳими молиявӣ-иқтисодӣ дорад. Бинобар ин, тибқи талаботи фармони зикршуда дар лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда масъалаҳои механизми ба таври нақдӣ пардохт намудани ҳаққи хизматрасониҳо тағйир дода шуда, минбаъд пардохти ҳаққи хизматрасониҳо ба таври ғайринақдӣ амалӣ карда мешаванд.

Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Он ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз шумо - вакилони гиромӣ хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» пешниҳод мегардад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» таҳия гардидааст.

Мутобиқи лоиҳа ба банди 2) моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» илова ворид гардида, минбаъд пардохти хизматрасониҳо марбут ба ҳаққи хизмати обрасонӣ, барқ, инчунин, дигар пардохтҳои муқарраргардида ҳангоми пешбурди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Фозил Обидзода дода мешавад. Марҳамат.

**Фозил ОБИДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни зикргардида бо мақсади таъмини иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» таҳия гардидааст. Ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар суръатбахшии ҷараёни гардиши воситаҳои пулӣ, шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, кам намудани ҳаҷми пули нақд дар муомилот ва хароҷотҳо вобаста ба эмиссияи он, инчунин, содагардонии раванди пардохтҳо аҳамияти муҳими молиявӣ-иқтисодӣ дорад.

Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Он ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳу-



рии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз шумо - вакилони гиромӣ хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ» пешниҳод мегардад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматраосниҳои давлатӣ» бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» таҳия гардидааст. Мутобиқи лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ» қисми 3 илова гардида, тибқи он ҳуҷҷати электронии тасдиқкунандаи пардохти ғайринақдии маблағи хизматрасонии муздноки давлатӣ, аз ҷумла расиди электронӣ, супоришномаи пардохтшуда ва дигар огоҳиномаи таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ оид ба иҷрои амалиёти пардохти ғайринақдии хизматрасонии давлатӣ, пас аз ба низоми баҳисобгирии қабули пардохтҳои ғайринақдии хизматрасонанда ворид гардидани нусхаи электронии онҳо эътироф карда мешавад. Аз ин лиҳоз, аз шумо вакилони арҷманд хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Мунаввар Абдусаломзода дода мешавад. Марҳамат.

**Мунаввар АБДУСАЛОМЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» таҳия гардидааст.

Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз шумо - вакилони гиромӣ хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# ТАСДИҚИ СОЗИШНОМАҲО БАРОИ ТАҚВИЯТИ САРМОЯГУЗОРИИ НБО «РОҒУН»

(Идома аз саҳ. 2)

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» шурӯъ мекунем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» таҳия гардидааст. Мутобиқи лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда ба моддаҳои 9 ва 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» иловаҳо ворид гардида, минбаъд пардохти ҳама гуна хизматрасониҳои марбут ба ҳаракат дар роҳ тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Фозил Обидзода дода мешавад. Марҳамат.

**Фозил ОБИДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» таҳия гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Он ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, аз шумо - вакилони гиромӣ хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба барарсии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона» пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур ҷиҳати иҷрои супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2023 бо мақсади мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ бинобар қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 22 июни соли 2023, №1968 ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Мутобиқи лоиҳаи қонун меъёрҳои дахлдори Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона» ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» дар таҳрири нав ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ғиёсиддин Ашурзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин АШУРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 январи соли 2025, №2532 лоиҳаи қонуни мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд.

Мақсади ворид намудани тағйирот аз мутобиқгардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки соҳаи иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳиро танзим мекунад, иборат мебошад.

Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз шумо - вакилони гиромӣ хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қосимӣ Ф.» шурӯъ мекунем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қосимӣ Ф.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

